Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ)**

Таҳқиқоти илмҳои психология ва педагогика, инчунин дигар соҳаҳо исбот кардаанд, ки суҳбату муколама барои хонандагони синни хурди мактабӣ дар соли аввали таҳсил дар мактабу ҷамъият як қатор душвориҳои кӯтоҳмуддатро ба миён меоранд. Муколама дорои зарурияти хосса аст, зеро маҳз тавассути он муносибати иҷтимоии минбаъдаи хонандаи хурдсол дар ҷамъият муқаррар ва устувор гашта, мавқеи ӯ муайян мегардад. Тавре маълум аст, агар қобилияти муошират дар синни томактабӣ ва хурди мактабӣ суст инкишоф ёбад, он минбаъд низ дар синни миёна ва калони мактабӣ нокифоя рушд мекунад. Нутқи муколамавиро аз худ накарда, хонандаи хурдсол хусусиятҳои нутқи монологиро, ки ба он дар давраи мактабхонӣ талабот бештар мегардад, ба таври бояду шояд омӯхта наметавонад.

*Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.* Омилҳои мазкур муҳаққиқонро ба дарки муайянкунандаҳои асосӣ дар амалияи инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ, зарурати мавқеъ ва нақши он дар ҷомеа, омӯзиши пурраи фаъолияти муошират дар сатҳи ҷамъиятиву фардӣ ва ҷустуҷӯи воситаи инкишофи муоширати хонандагони хурдсол вазифадор мекунанд. Дар асоси ин гуфтаҳо, мо ба таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим рӯ овардем.

*Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ.* Рисолаи илмии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, мазмун ва мундариҷаи он бо барномаҳои таълимии ихтисосҳои психологӣ ва педагогӣ робитаи зич дорад.

*Мақсади таҳқиқот.* Аз ҷиҳати назариявӣ омӯхтан ва ба таври амалӣ муайян намудани хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ҳадафи асосии таҳқиқ мебошад.

*Объекти таҳқиқот* – инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

*Мавзуи (предмет) таҳқиқот* – хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим.

*Навгонии илмии таҳқиқот:*

1. Дар илми психологияи тоҷик бори аввал дар доираи раванди таълим маҷмуи нуктаҳои ибтидоии асосҳои психологию педагогии ташаккули малакаҳои муоширати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.
2. Тартибу меъёрҳои хусусиятҳои психологӣ ва педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон дар ҷараёни таълим мушаххасан муайян карда шуд.
3. Меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар карда шуд.
4. Усул ва роҳҳои истифодаи методҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим тариқи ташхиси экспериментали санҷида ва исбот гардид.
5. Дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳияву коркард шуданд.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуъ, дараҷаи коркарди масъала таҳлил гардида, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ ва муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, арзёбӣ шудаанд.

Дар **боби якуми** рисола «Асосҳои назариявии хусусиятҳои муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ» паҳлуи назариявии масъалаи таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор гирифта, аз ҷумла таъкид гардидааст, ки яке аз соҳаҳои асосии ташаккул ва зуҳуроти хусусиятҳои равонии шахс, аз ҷумла хонандаи синни хурди мактабӣ низ муошират ба шумор меравад.

**Дар зербоби якуми боби мазкур** «Муошират масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ» оварда шудааст, ки муошират воситаи муҳимми иҷтимоишавии шахс ва талаботи ҳамешагию зарурии ӯст.

**Зербоби дуюм** «Хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ» номгузорӣ гардида, тавре омадааст, хусусиятҳои психологии бача пурра ба қонунҳо такя мекунанд.

Бо воситаи **зербоби сеюм** «Омилҳои назариявии психологияи муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим» муайян гардидааст, ки муҳаққиқон се самти калидии инкишофи психикии кӯдаконро дар гузариш аз синни томактабӣ, ба синни мактабӣ муайян кардаанд: азхудкунии рафтори ихтиёрӣ, воситаҳо ва намунаҳои фаъолияти маърифатӣ, инчунин гузариш аз эгосентризм ба десентратсия.

**Боби дуюм** «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» аз ду зербоб иборат буда, мавзуи тақиқотӣ аз нигоҳи экспериментали мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар **зербоби якуми** боби дуюм «Озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» қисмати назариявӣ ва такя ба таҷрибаҳои кории мактабҳои муосири ватаниву хориҷӣ, дар натиҷаи таҳлили методикаҳо барои муайян намудани роҳҳои ислоҳи мушкилиҳои муошират дар хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим методикаҳои «Дастпӯшакҳо», «Кӣ ҳақ аст?», «Роҳ ба сӯи хона»-ро интихоб ва ба забони тоҷикӣ тарҷума намудем.

Дар асоси натиҷаҳои ташхиси гузаронидашуда метавонем, чунин хулоса бароварда мешавад: дараҷаи пасти инкишофи малакаҳои муошират аз он далолат медиҳад, ки соҳаи ҳавасмандкунии ин хонандагон ба дараҷаи нокифоя ташаккул ёфтааст. Ҳамаи супоришҳоро бо дили нохоҳам иҷро намуданд. Дар ин хонандагон хусусияти фаъолият аксар импулсивӣ буда, бештар харакатҳои эмотсионалиро зоҳир менамуданд.

Бо воситаи **зербоби дуюм**и боби дуюм, масъалаҳои «Тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ- педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муошири хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» пешниҳод гардидаанд.

Аз ҷумла омадааст, ки дар психологияи бачагона, ба монанди психологияи умумӣ ва синнусолӣ, усулҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар ҳалли мушкилиҳои пайдошуда истифода мебаранд.

Таҳлили адабиёт ва кори озмоишӣ нишон доданд, ки хусусиятҳои синнусолии муошират бештар аз ҷанбаи серамалӣ омӯхта шудаанд. Лекин онро танҳо аз як нуқтаи назар пурра тавсиф кардан номумкин аст. Ба ғайр аз ин, дар таҳқиқот бахшида ба хусусиятҳои синнусолии муошират аксар вақт таркибҳои гуногуни тағйирёбандаи муошират аз рӯйи дараҷаи намоёнии онҳо муқоиса карда мешаванд. Дар баробари ин, таҳлили маълумоти бадастовардаи мо чунин тахминро имконпазир мегардонад, ки фарқҳои инфиродӣ на танҳо дар дараҷаҳои намоёнии

таркибҳои гуногуни тағйирёбандаи муошират, балки дар тарзи эҷоди онҳо, яъне дар таркиби психологии муошират низ ба назар мерасанд.

Аз ин лиҳоз автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос менамояд, ки аз тарафи доктори фалсафа (PhD) Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошарати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки унвонҷӯ Маҷидов Парвизҷон Имомназарович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ), сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус
ва бознигариву такмили стандарт,
барномаҳои таълимию китобҳои
дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ш. Котибова

Имзои Ш. Котибоваро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х. Ҳакимова
07.02.25

**Маълумот барои тамос:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов 11/2.
Тел.+992 559993120, +992101100609;
Email: sharifa.kotibova@ mail.ru